**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №**
**қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 20 декабри соли 2025, №86**

**Дар бораи сазовор донистани Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ санаи 20-уми сентябри соли 2025, №78 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом соли 2006 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2011 хатм намудааст.

Аз соли 2014 то соли 2020 ба ҳайси муфатиши РВКДҶТ дар вилояти Хатлон кор кардааст. Баъдан, ӯ аз соли 2021 то ин ҷониб ба сифати ассистентии кафедари ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ кору фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 03 июли соли 2025 №9 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

– **Сафарзода Ҳаёт Саидамир –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар. Оралбаев Х.Х., дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва

зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Бобозода Ҷ.Қ. ва котиби ҷаласа номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Табаров Н.А. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сатторзода Б.А. санаи 17 ноябри соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд менамоял, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи мавриди назар таҳлили ҳамаҷониба гардид. Дар натиҷаи таҳлил паҳлӯҳои мусбати қонунгузории мазкур муайян ва ҳамзамон, баъзе камбудиву норасоиҳои он ошкор карда шуданд. Муаллиф дар асоси таҳлили анҷомдода пешниҳодҳои мушаххаси назариявиро таҳия намуд, ки барои бартараф намудани камбудиҳои муайянгардида ва такмили танзими ҳуқуқӣ равона шудаанд.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниҳодҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд. Унвонҷӯ доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 5 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи дигар дар нашриёҳои дигар ба нашр расидаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Тарафи субъективии ғайриқонуни ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Қонунгузорӣ. – 2022. – № 2(46). – С. 127-132. ISSN 2410-2903.

**[2–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Хусусиятҳои объекти ҷинояти ғайриқонуни ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Маҷалаи давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 4(24). – С. 229-239. ISSN 2414 9217.

**[3–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Масоили муайян намудани предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №7. – С. 287-291. ISSN 2413-5151.

**[4–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии таркибҳои вазнинкунанда ва махсус вазнинкунандаи ҷинояти ғайриқонунӣ бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №8. – С. 270-275. ISSN 2413-5151.

**[5–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Ҳолатҳои вазнинкунандаи ғайриқонуни ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Қонунгузорӣ. – 2024. – № 3(55). – С. 161-167. ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**[6–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Баъзе аз масъалаҳои тарафи объективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурадани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардидани соли 2024» ва нақши доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор Муллоев М.М., дар рушди илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. – Душанбе, 2024. – С. 197-207.

**[7–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои пасошуравӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2024. – С. 126-133.

**[8–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Инкишофи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар замони шуравӣ ва пас аз шуравӣ [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба «100-солагии Ойгензихт Виктор Аркадьевич», «Танзими ҳуқуқии саёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2024. – С. 213-221.

**[9–М].** Абдусаломзода, Ҷ.А. Тарафи объективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурадани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф [Матн] / Ҷ.А. Абдусаломзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ»: ш. Душанбе, 6 декабри соли 2024. – С. 301-310.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Буризода Э.Б.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институтa фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Қодирзода Д.С.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Душанбе.

**Муқимов С. Д.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии ДОТ дар н. Рашт.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталабанд.

1. Муаллиф дар матни автореферат барои ифода намудани моҳияти ҷинояти пешбининамудаи моддаи 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як қатор ибораҳои мухталиф истифода намудааст, аз ҷумла: «рабудан», «ба даст овардан», «ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан» ва ғайра. Истифодаи ибораҳои гуногун барои ифодаи як мафҳуми ҳуқуқӣ метавонад боиси нофаҳмӣ ва ихтилофи мазмун гардад, зеро ҳар як аз ин истилоҳҳо дорои маънои махсуси ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллифро зарур буд, ки мавқеи илмии худро дар мавриди интихоби истилоҳи ягона масалан, «ғайриқонунӣ ба даст овардан» ё “рабудан” ҳамчун мафҳуми дақиқи ҳуқуқӣ асоснок намуда онро мавриди истифода қарор медод.

2. Дар саҳ. 4 автореферат танҳо маълумотҳои омории солҳои 2018-2023 дарҷ шудааст, новобаста ба он ки муаллиф ба омори ҷиноятии ВКД ҶТ барои солҳои 2018-2025 (саҳ.8) ишора намудааст.

3. Муаллиф баён медорад, ки “ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз лаҳзаи аз ҷои воқеъ буданаш ҳай кардан ё ин ки аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдани он (аз ҷумла бе ба кор даровардани муҳаррики он) новобаста аз имконияти ба даст овардани ихтиёрдории воқеӣ ба он хотимаёфта ҳисоб мешавад” (саҳ.32). Аз ин хулосаи муаллиф мушаххас кардан мушкил аст, ки ин ҷиноят аз кадом лаҳза хотимаёфта ҳисоб мешавад, 1) аз лаҳзаи ба ҳаракат даровардани воситаи нақлиёт ё 2) аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдани он? Мехостем муаллиф андешаи худро ҳангоми ҳимояи рисола ба таври равшантар баён ва асоснок менамуд.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд:** Таҳқиқоти мазкур аввалин кори илмӣ дар ин самт ба ҳисоб рафта, навгонии илмиаш дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори нахуст дар сатҳи кори илмӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятиро ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурадани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ба таври комплексӣ ва ҳамаҷониба таҳлил намудааст;

**- пешниҳод шудааст,** ки дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ калимаи "ғайр" нисбат ба автомобил ё дигар воситаи нақлиёт илова карда шавад. Чунки аломати "ғайриқонунӣ" бештар ба худи предмети ҷиноят мансуб буда, ифодагари он аст, ки воситаи нақлиёт ба гунаҳгор таллуқ надорад, барои ӯ бегона мебошад. Дар акси ҳол масалан, бе шаҳодатномаи ронандагӣ, дар ҳолати мастӣ ва ғайра ҳай карда бурдани воситаи нақлиёти худ низ мумкин аст расман, ҳамчун "ғайриқонуни ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт..." маънидод шавад;

**- исбот шудааст:** Ҳангоми бандубасти кирдор мутобиқи б "а" қ.3 м.252 КҶ ҶТ бояд андозаи зарари воқеии моддии расонидашуда ба назар гирифта шавад. Арзиши воситаи нақлиёти рондашуда наметавонад ҳамчун асос барои бандубасти кирдор ба миқдори калон бошад;

**- ҷорӣ намудан:** Бо мақсади муккамал гардонидани Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф" аз 18 декабри соли 2009 №28 ба он тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, ғанӣ гардонида барои фаҳгузорӣ намудани ин ҷиноят аз таркиби ҷиноятҳои монанд имконият медиҳанд.

Ҳамин тавр, аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиккунӣ ёрӣ расонад.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдошта мумкин аст дар соҳаи илмӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун мавод барои коркарди минбаъдаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф; дар фаъолияти ҳуқуқэҷоднамоӣ ҳангоми коркарди таклифу пешниҳодҳо оид ба даровардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятии амалкунанда бо мақсади такмили минбаъдаи он; дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ ҳангоми татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти бандубасти ҷинояти мазкур; дар ҷараёни таълим ҳамчун мавод барои таълими Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ, тайёр намудани фаслҳои алоҳидаи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, тафсири илмӣ-амалии КҶ ҶТ истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро дар раванди омузиши фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», инчунин курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода бурдан ба мақсад мувофиқ хоҳанд буд. Қобили зикр аст, ки дар кори илмӣ бо истифода аз методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар фаъолияти ҳуқуқэҷоднамоӣ ҳангоми коркарди таклифу пешниҳодҳо оид ба даровардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятии амалкунанда бо мақсади такмили минбаъдаи он мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

- **баён шудани** масофаи ронда бурдани воситаи нақлиёт, усулҳои содир намудани он барои бандубасти ҷиноят аҳаммият надорад. Ин мумкин аст ҳам сайр кардан бо воситаи нақлиёт тавассути ба кор даровардани муҳаррики он ва ҳам дилхоҳ усули ҷойивазкунии он, аз ҷумла тела карда бурдан, бо ёрии нақлиёти дигар интиқол додан ва ғайра бошад.

- **ошкор гардидани** он ки лаҳзаи хотимаёбии ҷинояти мазкур бо лаҳзаи дар гунаҳгор пайдо шудани имконияти ихтиёрдорӣ намудан ба нақлиёти ғайриқонунӣ ҳай карда бурда шаванда аз рӯйи салоҳдиди худ бештар ба ҳолатҳои рабудани он аз ҳудудҳои муҳофизатшаванда хос мебошад, яъне агар ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз ҳудуди ҳифзшавандаи ташкилот, корхона, муассиса, таваққуфгоҳ, аз саҳни ҳавлӣ ва ғайра содир шавад, пас ҷиноят то лаҳзаи аз чунин ҳудуд берун намудани воситаи нақлиёт хотимаёфта ҳисоб намешавад. Дар ҳолатҳое, ки барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҳаракатҳои иловагӣ талаб карда намешавад (гузаштан аз назди муҳофизи таваққуфгоҳ, бартараф намудани монеаҳо, гузариш аз нуқтаҳои гуногуни иҷозатдиҳиву назоратӣ ва ғайра) ҷиноят аз оғози ҷойивазнамоии воситаи нақлиёт хотимаёфта эътироф мешавад.

- **омухта шуданд:** Қонунгузории миллӣ, қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводдои таҷрибаи судӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф:

- **аз нав такмил додани:** Меъёрҳои қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ба ҳисоб меравад. Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки натиҷаҳои таҳлил метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муккамал намудани Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф" ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд ҳамчун маводди методӣ ва илмӣ дар фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми таълими фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода гарданд.

- **муайян карда шуданд**, ки натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ёрӣ расонад.

- **офарида шуд**: Ба мақсад мувофиқ дониста мешавад, дар Қарори мазкур тавзеҳ дода шудани мафҳуми воситаҳои нақлиёти механикӣ ба б.3 Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2017, № 323 тасдиқ шудааст, мувофиқат намекунад. Бинобар ин зарур аст, ки мафҳуми мазкур дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф" ба Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ мувофиқ гардонида шавад.

- **муаррифӣ карда шуд**: Якчандбор аз тарафи гунаҳгор истифода шудани воситаи нақлиёт, ки ӯ онро муваққатан ғайриқонунӣ рабудааст такроран ҳисобида намешавад, агар чунин кирдорро қасди ӯ дарбар гирифта бошад. Дар ҳолатҳое, ки вақте пас аз содир намудани ҷиноят гунаҳгор бо хоҳиши пинҳон доштани ҷиноят онро ба макони ҷойгиршавии аввалааш бурда расонида, пас аз он боз хоҳиши рабудани онро пайдо намуда чунин кирдорро амалӣ месозад, дар ин маврид такроран содир намудани ҷинояти мазкур ҷой дорад. Чунин тавзеҳот бояд дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф" аз 18 декабри соли 2009 №28 мустаҳкам карда шавад.

- **асоснок шудааст**, ки ба б.22 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф" аз 18 декабри соли 2009 №28 дар қисмати муайян намудани мафҳуми зуроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок бо иловаи зайл пурра карда шавад: "Таҳти мафҳуми зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии инсон хавфнок..., инчунин маҳдуд кардани озодӣ ё истифодаи зуроварӣ, ки боиси расонидани зарар ба саломатӣ нагашта, аммо дар лаҳзаи истифода хавфи воқеиро барои ҳаёт ва саломатӣ ба вуҷуд овардааст... фаҳмида шаванд";

- **истифода шудаанд:** Истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ба даст омадаанд.

- **муайян шудаанд:** Ба сифати аломати вазнинкунанда дар қ.2 м.252 КҶ ҶТ ҳолати: бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба бино ё дигар анборхона ё бо

истифода аз воситаҳои электронӣ барои халалдор намудани кори воситаҳои техникии ҳифзнамоӣ ворид карда шавад.

- **истифода шуданд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф дар нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия, мақолаҳои илмии муаллиф, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 20 декабри соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 12 нафарашон доктор ва 1 нафар номзад аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 12 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 12 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

**20 декабри соли 2025**